натиҷаи нишондодҳо ба 1580,17 баробар буда, чунин ҳолат аз мӯътадилӣ ва қаноатбахшии тамаркузии фурӯшандагон ва рақобат дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар баробари бартариятҳо, дар автореферати диссертатсия ҳамчунин норасоиҳо низ ҷой доранд. Масалан, муаллиф мушкилоти татбиқи маҳсулотҳои нави бонкиро дар бозор дар шакли расми 5 таҳия намуда, таъсири онҳоро ба сатҳи рақобатнокии ташкилотҳои қарзӣ асоснок намудааст. Хуб мешуд, агар дар қатори мушкилоти мазкур, ҳамчунин роҳҳои ҳалли онҳо низ дар алоҳидагӣ таҳлилу баррасӣ мегардидана.

Норасоии номбурда аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мазкурро кам намекунад, зеро он хусусияти тавсиявӣ дорад.

Вобаста ба ин, дар хулоса метавон қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Нуралиева Дилафруз Камоловна дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
декани факултети технологияҳои иттилоотӣ
ва интеллекти сунъӣ Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон Нусратзода М.Н.

**Имзои** Нусратзода М.Н.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори РКК ва Н ДТТ Абдуназаров А.Ҷ.

734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Н.Қаробоев 63/3,
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Тел: 2 34-79-87
E-mail: rectorat-tut@mail.ru
Сомона: www.tut.tj

*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

**Такриз**

***ба автореферати диссертатсияи Нуралиева Дилафруз Камоловна дар мавзуи: «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз***

Дар шароити муосир, бахши бонкӣ ва ё дар маҷмӯъ низоми молиявӣ ҳамчун омили асосии мусоидаткунанда ба ташаккулёбии иқтисодиёти кишвар арзёбӣ мегардад. Мавриди қайд аст, ки бахши бонкӣ дар давоми солҳои охир вобаста ба ташаккулёбии вазъи иқтисодиёти рақамӣ ба тағйиротхои назаррасе ноил гардидааст. Бо ҳисоби ин, ҳоло он технологияҳои гуногуне, ки дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ истифода мегарданд ба муштариён имкон медиҳанд, то ба роҳҳои нави ҳамкориҳои тарафайн гузашта, дар раванди дархости хизматрасониҳои бонкӣ каналҳо ва платформаҳои муосирро мавриди истифода қарор диҳанд. Вобаста ба оне, ки ҳоло баҳри муштариён чунин имкониятҳо ба вуҷуд омадааст, ташкилотҳои қарзиро зарур мебояд, то ба масъалаи такмили хизматрасониҳои бонкии чорӣ ва таҳияи хизматрасониҳои нави бонкӣ низ диққати ҷиддӣ дода, кӯшиш намоянд то бо ин роҳ рақобатнокии худро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ нигоҳ доранд.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия ба механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии бозори хизматрасониҳои бонкӣ диққати муҳим дода, баҳри асоснокнамоии пурраи он механизми мазкурро дар ду сатҳ, ба мисли: макро-сатҳ ва микро-сатҳ мавриди омӯзиш қарор дода, такмили сиёсати маркетингӣ, идоракунии мақсадноки сармоя ва даромади бонкро ҳамчун омили тақвиятдиҳандаи сифати хизматрасониҳои бонкӣ пешниҳод намудааст.

Ғайр аз ин, диссертант барои муайян намудани сатҳи рақобатнокӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ сараввал нишондиҳандаҳои дороӣ, сармоя ва фоидаи бонкҳои ватаниро таҳлил намуда, сипас самаранокии онро тавассути индекси Ҳерфиндал – Хиршман муайян сохтааст. Дар натиҷа, бо ёрии индекси Ҳерфиндал – Хиршман мушаххас намудааст, ки